(Бардошт аз Паёми Президенти Чумхурии Точикистон ба Мачлиси Олӣ, 28 декабри соли 2024)

**Дар Паёми Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба Мачлиси Олӣ 28-уми декабри соли 2024 “Дар бораи самтхои сиёсати дохилӣ ва хоричии чумхурӣ” зикр гардид, ки «Соли чорӣ мардуми шарафманди Точикистон 30-юмин солгарди кабули нахустин Конститутсияи давлати сохибистиклоли худро бо ифтихору шукргузорӣ аз сохибватаниву сохибдавлатӣ тачлил намуданд. Конститутсия хамчун санади такдирсози давлати точикон заминаи хукукии давлатдории мустакил, сохибихтиёрии миллӣ ва рушди хамаи сохахои хаёти чомеаи кишварро фарохам овардааст».**

Дар таквияти гуфтахои Сарвари давлат кайд кардан бамаврид аст, ки бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар фазои хукукӣ ва низоми конунгузории мамлакат аввалин конуни миллӣ – Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи танзими чашну маросим дар Чумхурии Точикистон» бо максади химояи манфиатхои ичтимоии мардум, мусоидат чихати паст кардани сатхи камбизоатӣ ва гирифтани пеши рохи харочоти зиёдатӣ, ки ба манфиати иктисодӣ ва маънавии шахрвандон зарари чиддӣ мерасонад, кабул гардид. Бешубха, конуни мазкур чихати бехтар гардонидани шароити ичтимоии ахолии мамлакат, пешгирии харочоти бехудаву намоишкорона, таъмини риояи хукуку озодихои шахрвандон, тартиботи чамъиятӣ ва низоми конунгузорӣ сахми беназир дорад.

Аз ин рӯ, соли сипаригардида бо истифода аз хукуки ташаббуси конунгузории Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон, бо дарназардошти таклифу пешниходхои ахли чомеа, бо максади боз хам бехбуд бахшидани шароити ичтимоӣ ва иктисодии сокинони мамлакат Конуни Чумхурии Точикистон «Оид ба ворид намудани тагйиру иловахо ба Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи танзими анъана

ва чашну маросим дар Чумхурии Точикистон» (28 августи соли 2017, тахти №1461) пешниход ва кабул гардид. Тағйиру иловахои воридгардидаро сокинони мамлакат бо хушнудӣ пазируфтанд.

Вобаста ба санчишхои беасосу такрории субъектони сохибкорӣ Пешвои миллат дар Паёми навбатиашон изхори нигаронӣ намуданд, ки мутобики конунхои амалкунанда, айни хол фаъолияти субъектхои хочагидорро 78 макоми санчишиву назоратӣ ва инчунин ичозатномадиханда ва макомоти хифзи хукук, мавриди санчиш карор медиханд. Бо сабаби он ки санчишхо асосан нисбат ба шахсони хукукӣ татбик мегарданд, то имрӯз шумораи макомоти санчишӣ аз 31 то ба 23 ва санчиши фаъолияти субъектхои хочагидорӣ бошад, аз 300 хазори соли 2016-ум то 42 хазор дар соли 2024-ум кам гардад.

Бинобар ин, Сарвари давлат бо максади бартараф намудани санчишхои беасосу такрорӣ аз чониби Прокуратураи генералӣ, Палатаи хисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Бонки миллӣ чихати фарохам овардани фазои мусоид барои рушди сохибкорӣ дар мамлакат, ки бо фармони Президенти Чуихурии Точикистон “Дар бораи эълон шудани мараторий ба хама гуна санчиши фаъолияти сохибкорӣ” (ба истисноии санчишхои макомоти андоз) то 1 январи соли 2027 дар ду соли минбаъда мораторий эълон карданд.

Аз чумла, мукарраароти дар Кодекси андоз доир ба рохандозии санчишхои андоз тибки низоми идоракунии хавфхо имкон дода истодаанд, ки шумора ва мухлати гузаронидани онхо махдуд ва сифатнокӣ таъмин карда шавад.

Тибки маълумот соли 2023 нисбат ба соли 2014 шумораи санчишхои андоз дар фаъолияти субъектхои хочагидор ду баробар кам гардидааст.

Вале маблагхои дар натичаи санчишхо ошкор ва пардохтшуда чор баробар афзоиш ёфтаанд.

Танхо дар 11 мохи соли 2024 аз хисоби санчиши 1150 андозсупоранда ба бучети давлат иловатан 1 миллиарду 640 миллион сомонӣ ворид карда шудааст.

Чунин холат гувохи риоя нагардидани конунгузории андоз аз чониби баъзе субъектхои хочагидор ва сатхи пасти фарханги андозсупории онхо мебошад.

Дар Паёми навбатие, ки аз чониби Пешвои миллат Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ироа гардид, хамчунин, ба рушди содирот таваччухи зиёд намуда, зикр карданд, ташкили корхонахои истехсолӣ ва таъсис додани чойхои кории нав, баланд бардоштани ракобатнокии махсулоти ватанӣ ва таквияти иктидори содиротии мамлакат таъмин карда шавад. Яъне, гуногуншаклии содирот холо хам дар сатхи зарурӣ таъмин нагардидааст, ки ин вобастагии кишварро аз омилхои берунӣ зиёд мегардонад». Бинобар ин, Сарвари давлат Хукумати мамлакатро мувазза ф карданд, ки чихати гузаронидани тахлили имкониятхои афзоиш додани хачми истехсоли махсулоти содиротӣ бо арзиши баланди иловашуда ва ба рох мондани истехсоли молхои ивазкунандаи воридот чорачӯйӣ намоянд.

Сайёхӣ яке аз сохахои афзалиятнок ва сердаромад буда, дар рушди хар як давлат накши мухим дорад. Махз бо ин сабаб Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба ин соха таваччухи махсус зохир менамоянд. Тавре дар Паём кайд гардид, « Хукумати мамлакат рушди сохаи сайёхиро самти афзалиятноки сиёсати иктисодии худ мешуморад». Барои рушди сохаи сайёхӣ дар кишвар як силсила чорахои хавасмандкунӣ инчунин тамоми заминахои зарурии меъёрию хукукӣ чихати рушди сохаи мазкур фарохам оварда шудааст Аз чумла, воридоти тачхизот ва масолехи сохтмон барои иншооти сайёхӣ аз пардохтхои андозу гумрук ва ширкатхои сайёхӣ дар панч соли аввали фаъолият аз пардохти андоз аз фоида озод карда шудаанд.

Бояд кайд кард, ки дар Чумхурии Точикистон барои рушди сохаи сайёхӣ заминаи мушаххаси хукукӣ фарохам гардидааст. Аз чумла, 18-уми июли соли 2017, тахти №1450 Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи сайёхии дохилӣ» кабул гардид, ки он асосхои ташкилӣ, хукукӣ, иктисодӣ ва ичтимоию фархангии фаъолиятро дар сохаи сайёхии дохилӣ дар Чумхурии Точикистон муайян менамояд. Хамчунин, 30-юми майи соли 2017 тахти №1423 ба Кодекси андози Чумхурии Точикистон тагйиру иловахо ворид карда шуд, ки мувофики онхо даромадхо аз фаъолияти сайёхӣ ба мухлати 5 сол, аз санаи бакайдгирии давлатӣ, аз андоз аз фоида, воридоти тачхизоту техника ва масолехи сохтмонии иншооти сайёхӣ (мехмонхона, осоишгох ва истирохатгоххои табобатӣ, марказхои сайёхӣ ва дигар иншооти сайёхӣ) аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуданд.

Ба хотири боз хам таквият бахшидани кори соха бо Карори Хукумати Чумхурии

Точикистон аз 27-уми майи соли 2017, тахти №258 Кумитаи рушди сайёхии назди Хукумати Чумхурии Точикистон», яъне ниходи алохида таъсис ёфт. Дар робита бо ин, Президенти Чумхурии Точикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар Паём ба Кумитаи рушди сайёхӣ супориш доданд, ки чихати фарохам овардани шароити мусоид барои рушди сайёхӣ, хусусан, бунёди инфрасохтори зарурӣ тадбирхои иловагӣ андешад.

Хамин тарик, Паёми Президенти Чумхурии Точикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба Мачлиси Олӣ ба рушду нумӯи конунгузорӣ ва фаъолияти хукукэчодкунӣ дар мамлакат мусоидат намуда, боиси фарохам овардани шароити зиндагии арзанда ба сокинони мамлакат, тахкими Истиклоли давлатӣ, вахдати миллӣ, таъмини адолати ичтимоӣ, амнияти давлат, суботи чомеа, хифзи хукуку озодихои инсону шахрванд ва дар мачмӯъ рушди Точикистони сохибистиклол мегардад.

**Гоибзода Мехрангез,** номзади илмхои хукукшиносӣ, дотсент